*Барои пешрафт ва саодати халқи Тоҷикистон!*

# ХАМРОЗИ ХАЛК

ҲАФТАНОМАИ СИЁСӢ - ИТТИЛООТӢ

Нашрияи Кумитаи иҷроияи Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон дар вилояти Хатлон

№ 05 (653), 05 феврали соли 2026

# РАМЗИ ҶАШНИ 35-СОЛАГИИ ИСТИҚЛОЛИЯТИ ДАВЛАТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ТАСДИҚ ГАРДИД




**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон рамзи «35-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон»-ро тасдиқ намуданд.**

Рамз дар шакли мудаввар таркиббандӣ ва бо ранги зарҳалӣ оро дода шуда, дар давродаври он ба забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ «Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва рақамҳои «1991-2026» навишта шудаанд.

Дар маркази рамз акси "Маҷмааи Истиқлол", ки ифодагари эҳёи давлатдории миллӣ, нишона аз озодӣ, истиқлол ва рушди бомароми Тоҷикистон мебошад, ҷой дода шудааст.

Дар пасманзари рамз ҷилои нури офтоб дар осмони соф акс ёфтааст, ки аз рӯшноӣ, сулҳу субот ва ояндаи дурахшони кишвар дарак медиҳад.

Акси кӯҳу пиряххо, обу дарахтон ва сабзазоре, ки дар рамз ҷойгир аст, ишора ба ташаббусҳои сатҳи ҷаҳонии Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон оид ба об ва ҳифзи пиряххо буда, ҳамзамон нишона аз иқлими сабз ва дорои захираҳои бойи табиии Тоҷикистон мебошад.

Аксҳои роҳ, нақб ва нерӯгоҳ, ки рамзро мукаммал гардонидаанд, ифодагари дастовардҳои замони соҳибистиқлолӣ ва ҳадафҳои стратегии миллӣ мебошанд.

Инчунин, дар паҳлуи рости рамз рақами 35 бо истифода аз рангҳои парчами давлатӣ ҷойгир аст, ки ишора ба соли ҷашн мебошад.

Вазорату идораҳо, ташкилоту муассисаҳо, мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоятҳо, шаҳру ноҳияҳо ва воситаҳои ахбори омма метавонанд аз рамзи тасдиқшуда васеъ истифода баранд.

www.prezident.tj



ҶАЛАСАИ КОРИИ НАЗДИ РАИСИ... - саҳ. 2



ПАЁМИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ – ПАЁМИ... - саҳ. 3



ДАСТОВАРДҲОИ СОЗАНДАГӢ ДАР... - саҳ. 4



ПУШИНГ - НАМУНАИ ОБОДКОРИЮ... - саҳ.5

# ҶАЛАСАИ КОРИИ НАЗДИ РАИСИ ВИЛОЯТИ ХАТЛОН



**3 феврал, дар толори Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Хатлон таҳти раёсати раиси вилоят Давлаталӣ Саид ҷаласаи корӣ баргузор гардид.**

Дар ҷаласаи корӣ муовинони раиси вилоят, муовини роҳбари дастгоҳи раис, қисман роҳбарони ташкилоту муассисаҳои давлатӣ ва мудирони шуъбаҳои Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоят иштирок намуданд.

Зимни таҳлили вазъи соҳаҳо раиси вилоят ба масъулон супориш доданд, ки ҷиҳати таъмини иҷрои дастуру супоришҳои Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ки дар Паём ба Маҷлиси Олӣ ва ҷаласаи васеи Ҳукумати мамлакат баён гардиданд, чораҷӯӣ карда шавад.

Барои риояи ҳатмии структураи кишти зироатҳо, марҳила ба марҳила зиёд намудани кишти картошка, сари вақт гузаронидани шудгори заминҳо, истифодаи тухмиҳои наву серҳосил, бунёди боғу токзор аз ҳисоби заминҳои талу теппаҳо, оқилона истифода намудани обу замин, дар муҳлати оптималӣ кишту парвариши зироати кишоварзӣ, обёрии заминҳои бекорхобида, афзун намудани ҳаҷми истеҳсолоти маҳсулот, таъмини рушди соҳаи саноат, ташкили ҷойҳои нави корӣ, вусъатбахшии корҳои ободониву созандагӣ, идеологӣ, даъвати баҳорӣ ба сафи Артиш ба масъулон супоришҳо дода шуд.

Таъкид гардид, ки дар пайравӣ ба сиёсати созандаи Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо истифода аз ҳамаи имкониятҳо иншооти таъиноташ гуногун бунёд ва шароити арзанди кору зиндагӣ фароҳам оварда мешавад.



Давлаталӣ Саид, раиси вилоят инчунин масъалаҳои мубориза бар зидди малах, супоридани андоз, нақшаи чорабиниҳо бахшида ба 35-солагии Истиқлоли давлатӣ, сифати иншооти ҷашнӣ, ташвиқу тарғиби дастовардҳо тариқи телевизионҳо ва дигар расонаҳо, баргузории озмуну маҳфилҳо бахшида ба Солҳои фарҳанги китобхонӣ, ҷавонон, сайёҳӣ ва соҳаҳои маориф ва тандурустиро мавриди таҳлилу баррасӣ қарор дода, ба роҳбарони сохторҳои марбутаи вилоятӣ бо истифода аз имконияту захираҳои мавҷуда барои бартараф кардани камбудиву норасоиҳо дастуру супоришҳои мушаххас доданд.

**Хадамоти матбуоти раиси вилояти Хатлон**

# ҲАМОИШИ ҲИЗБӢ БО АФСАРОНУ САРБОЗОН

**4 феврал, дар Раёсати қушунҳои сарҳадии Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Хатлон вохӯрии Саидзода Ҷамшед Ҳамро, раиси Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар вилояти Хатлон ва Ташрифзода Амиралӣ, раиси Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар шаҳри Бохтар бо афсарону сарбозон баргузор гардид.**




Ҳамчунин, дар вохӯрӣ Ромишҷон Каримов, афсари калони шуъбаи корҳои сиёсӣ-тарбиявии Раёсати қушунҳои сарҳадии Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Хатлон иштирок дошт.

Ҳадафи асосии вохӯрӣ шарҳу тавзеҳи Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, баланд бардоштани сатҳи дониши сиёсӣ ва маърифати ҳуқуқии афсарону сарбозон, пешгирӣ аз хатари шомилшавии ҷавонон ба гурӯҳҳои ифротӣ, тарбияи ҳарбӣ-ватандӯстӣ, баланд бардоштани сатҳи маърифати ҳуқуқӣ ва дониши сиёсии ҷавонон мебошад.

Саидзода Ҷамшед Ҳамро, раиси Кумитаи иҷроияи вилоятии ҳизб зимни ибрози андеша таваҷҷуҳи иштирокдоронро ба нуктаҳои меҳварии Паёми роҳнамои Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҷалб намуда, зикр кард, ки ҳамасола зимни ироаи Паёми солонаашон Президенти мамлакат дар радифи таҳлилу баррасии вазъи иқтисодиву иҷтимоӣ, фарҳангӣ маърифатии ҷомеа, ба масъалаи ҳифзи истиқлолу озодӣ, ваҳдату ягонагӣ, таъмини амнияту субот ва дар руҳияи ватандӯстӣ тарбия намудани ҷавонон, тарғиби ғояҳои маънавию ватандӯстона таваҷҷуҳи махсус равона месозанд. Аз ҷомеаи шаҳрвандӣ, бахусус насли ҷавон, ки ояндаи давлату миллатанд, даъват ба амал меоранд, ки ватанро дӯст доранд ва ҳамчун фарзандони бошарафи ин хоки аҷдодӣ барои дифои марзи кишвар, таъмини амнияту суботи мардум омода бошанд.

Таъкид гардид, ки терроризм ва экстремизм аз мушкилоти глобалии замон ба ҳисоб рафта, дар ҳама гуна шакл ба яке аз масъалаҳои хатарноки ҷомеаи ҷаҳонӣ табдил ёфта, Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун як ҷузъи ҷомеаи ҷаҳонӣ мубориза бо терроризм ва экстремизмро муҳимтарин вазифаи таъмини амнияти миллии давлату миллат ва тамоми ҷаҳон медонад. Дар идома, Ташрифзода Амиралӣ, раиси Кумитаи иҷроияи шаҳрии ҳизб вобаста ба моҳияти Паёми навбатии Пешвои миллат ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, истиқболи сазовор аз ҷашни 35-солагии Истиқлоли давлатӣ ва ҳифзи марзу буми кишвар ибрози андеша намуда, афсарону сарбозони қисми низомиро ба хизмати содиқона ба миллату давлат даъват намуд.



Дар охир вобаста ба садоқату ҷонниссориҳои афсарону сарбозони шуҷои Ватан, бахусус қушунҳои сарҳадӣ, ки марзи кишварро бо қиммати ҷон ҳимоят мекунанд, ишора гардида, аз аҳли толор даъват ба амал оварда шуд,ки ҳамеша дар ҳифзи истиқлолу озодӣ, таъмини амнияту суботи кишвар омода бошанд,

**"Ҳамрози халқ"**

# ПАЁМИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ-ПАЁМИ СОЗАНДА ВА КАФИЛИ ТАЪМИНИ РУШДИ БОСУБОТИ КИШВАР

**Бо мақсади шарҳу тавзеҳи Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Коллеҷи тиббии хусусии «Даво»-и шаҳри Бохтар ҳамоиши ҳизбӣ таҳти унвони «Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон – Паёми созанда ва кафили таъмини рушди босуботи кишвар» баргузор гардид.**





Дар ҳамоиши мазкур Саидзода Ҷамшед Ҳамро, раиси Кумитаи иҷроияи Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон дар вилояти Хатлон, Ташрифзода Амиралӣ, раиси Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар шаҳри Бохтар, Сафаралӣ Муродзода, директори Коллеҷи тиббии хусусии «Даво», инчунин омӯзгорону донишҷӯён иштирок намуданд.

Нахуст, Саидзода Ҷамшед Ҳамро, раиси Кумитаи иҷроияи вилоятии ҳизб зимни ибрози андеша, мухтавои Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистонро мавриди таҳлилу баррасӣ қарор дода, таъкид намуд, ки Паёми Пешвои миллат ҳуҷҷати муҳими сиёсиву стратегӣ буда, самтҳои асосии рушди иқтисодию иҷтимоии кишварро барои солҳои минбаъда муайян месозад. Эълон гардидани соли 2026 ҳамчун «Соли вусъат додани корҳои ободонию созандагӣ ва тақвияту таҳкими худшиносиву худогоҳии миллӣ» нишони марҳалаи нави сиёсати давлатӣ дар роҳи пешрафти устувори ҷомеа мебошад.

Зикр гардид, ки корҳои ободонию созандагӣ дар шароити кунунӣ омили муҳими беҳтар шудани сатҳи зиндагии аҳолӣ ва таҳкими пояҳои иқтисодии давлат ба шумор мераванд. Бунёду таҷдиди роҳҳо, мактабҳо, муассисаҳои тандурустӣ ва дигар иншооти иҷтимоӣ на танҳо симои шаҳру деҳотро дигаргун месозад, балки ба рушди соҳибкорӣ, фароҳам овардани ҷойҳои нави корӣ ва болоравии эътимоди мардум ба ояндаи нек мусоидат менамояд. Ҳар як иншооти нав рамзи пешрафт, субот ва натиҷаи заҳмати софдилонаи шаҳрвандон арзёбӣ мегардад.

Дар идомаи ҳамоиш Ташрифзода Амиралӣ ва Сафаралӣ Муродзода низ вобаста ба моҳияти Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ибрози андеша намуда, онро роҳнамои асосӣ дар таълиму тарбия ва рушди соҳаи иҷтимоӣ арзёбӣ карданд.

Дар фарҷоми ҳамоиш ба маъмурият ва ҳайати омӯзгорони Коллеҷи тиббии хусусии «Даво» китобҳои тозанашр, ки фаъолияти Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистонро дар даврони соҳибистиқлолии кишвар инъикос менамоянд, аз ҷониби раиси Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар вилояти Хатлон тақдим карда шуд.

**Аҳлиддин МУБОРАКШОҲ,**
**«Ҳамрози халқ»**

# ҲАМОИШИ ВАСЕЪ ДАР НОҲИЯИ ХОВАЛИНГ





**4 феврал, дар толори Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Ховалинг дар асоси дастури раиси вилояти Хатлон Давлаталӣ Саид ҷиҳати шарҳу тавзеҳи Паёми Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии кишвар” ва “Соли вусъат додани корҳои ободониву созандагӣ ва тақвияту таҳкими худшиносиву худогоҳии миллӣ” ҳамоиши васеъ баргузор гардид.**

Дар ҳамоиши мазкур Рауфзода Саймумин Тоҷиддин, раиси ноҳияи Ховалинг, Наврӯз Ҳусейнзода, муовини раиси Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар вилояти Хатлон, Раҳимзода Сулаймон Абдулфатоҳ, раиси Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар ноҳияи Ховалинг, инчунин фаъолон, роҳбарони ташкилотҳои ибтидоӣ, раисони деҳаву маҳаллаҳо, имомхатибони масҷидҳои панҷвақта ва ҷомеъ ва дигар шахсони масъул иштирок намуданд.

Ҳамоишро Рауфзода Саймумин Тоҷиддин, раиси ноҳия ифтитоҳ намуда, сухани навбатиро ба Наврӯз Ҳусейнзода, муовини раиси Кумитаи иҷроияи вилоятии ҳизб дод.

Наврӯз Ҳусейнзода зимни баромад зикр намуд, ки дар партави дастуру супоришҳои Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ки аз Паёми навбатии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бармеоянд, бо мақсади тақвияти корҳои ободониву созандагӣ таъсиси гурӯҳҳои таблиғотиву ташвиқотӣ ба роҳ монда шуда, дар деҳаву маҳаллаҳо бо сокинон ва соҳибкорони ватандӯст суҳбату вохӯриҳо баргузор гардида истодаанд.

Таъкид гардид, ки ҳар яки мо бояд барои вусъат додани корҳои созандагиву бунёдкорӣ ва ободии ҳар як деҳаву маҳалла бахшида ба 35-солагии Истиқлоли давлатӣ саҳми муносиб гузорем. Ҳамчунин зикр шуд, ки бо истифода аз имкониятҳои соҳибкорону шахсони саховатпеша ва ҷалби фаъолонаи аҳолӣ дар деҳаву маҳаллаҳо таъмиру азнавсозии манзилҳои истиқоматии шахсони эҳтиёҷманд, дастгирии оилаҳои ниёзманд ва маъюбон, чароғонкунии кӯчаву маҳаллаҳо, таъмири роҳу пулҳо, таъмини аҳолӣ бо оби нӯшокӣ ва полезӣ ва дигар корҳои ободонӣ бояд ба таври васеъ ба роҳ монда шаванд.

Сипас, Рауфзода Саймумин Тоҷиддин, раиси ноҳияи Ховалинг вобаста ба моҳияти Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва «Соли вусъат додани корҳои ободониву созандагӣ ва тақвияту таҳкими худшиносиву худогоҳии миллӣ» ба ифтихори 35-солагии Истиқлоли давлатӣ ибрози андеша намуда, таъкид кард, ки дар ҳамкорӣ бо гурӯҳҳои таблиғотӣ ва Кумитаи иҷроияи ноҳиявии ҳизб ҷиҳати татбиқи дастуру супоришҳои Пешвои муаззами миллат талошҳои ҳамаҷониба ба роҳ монда мешаванд.

Қобили зикр аст, ки пас аз анҷоми ҳамоиши васеъ Наврӯз Ҳусейнзода дар якҷоягӣ бо аъзои гурӯҳи корӣ бо усули «Хона ба хона» бо сокинони маҳаллаҳои маркази ноҳия вохӯриҳо баргузор намуданд.

**“Ҳамрози халқ”**

**СОЛИ 2026 - “СОЛИ ВУСЪАТ ДОДАНИ КОРҲОИ ОБОДОНИВУ СОЗАНДАГӢ ВА ТАҚВИЯТУ ТАҲКИМИ ХУДШИНОСИВУ ХУДОГОҲИИ МИЛЛӢ”**

# ДАСТОВАРДҲОИ СОЗАНДАГӢ ДАР НОҲИЯИ ҶАЙҲУН

**Эълон гардидани соли 2026 - “Соли вусъат додани корҳои ободониву созандагӣ ва тақвияту таҳкими худшиносиву худогоҳии миллӣ" аз иқдомҳои навбатии Пешвои муаззами миллат арзёбӣ мегардад, ки ба ифтихори 35-солагии Истиқлоли давлатӣ ва истиқболи арзанда аз ин ҷашни бузурги таърихӣ нигаронида шудааст.**



Чуноне, ки Президенти маҳбуби кишварамон зимни ироаи Паёми навбатии хеш изҳор доштанд: “Роҳи тайкардаи мо дар зарфи қариб 35 соли гузашта барҷало нишон дод, ки мардуми шарифи Тоҷикистон ба анҷоми корҳои бузург қодиранд, Ватани хешро сидқан дӯст медоранд ва барои ҳимояи истиқлолу озодии сарзамини аҷдодии худ ҳамеша омодаанд”.

Ҳаминак, мардуми сарбаланду саодатманд, бо эҳсоси баланди ватандӯстиву шукргузорӣ аз сулҳу ваҳдати миллӣ ва соҳибистиқлолии меҳан бо фараҳмандиву неруи хастанопазир баҳри рушду пешрафт, ободиву гул-гулшукуфӣ ба кишвари сабз табдил додани Тоҷикистони азизамон камари ҳиммат бастаанд.

Дар ин шабу рӯз, ки то ҷашни байналмилалии Наврӯзи хуҷастапай рӯзҳои башумор мондааст, раванди корҳои ободонӣ, бунёди роҳу иншооти гуногуни хизматрасонӣ, кабудизоркунии муҳити зист ва омодагӣ ба кишти баҳорӣ дар саросари вилояти Хатлон вусъати тоза пайдо карда истодааст. Дар радифи саҳмгузории тамоми қишрҳои ҷомеа дар корҳои ободониву бунёдгарой ва таъмиру азнавсозии биноҳои маъмуриву фарҳангӣ, мактабу синфхонаҳои нав, ҳамзамон, меросбарони пешаи Сино низ ба рушди соҳаи тандурустӣ таваҷҷуҳи беандоза доранд. Дар ин росто, муассисаҳои тиббии ноҳияи Ҷайҳун таъмиру азнавсозӣ гардида, бо таҷҳизоти замонавии муҷаҳҳаз гардонида мешаванд.

Чуноне, ки Додарҷони Касирзод, роҳбари Шабакаи муассисаҳои Кумаки аввалияи тиббию санитарии ноҳияи Ҷайҳун зимни суҳбат иброз дошт, дар доираи нақша-чорабиниҳо ба истиқболи ҷашнҳои фархундаи кишвар, ба хотири фароҳам овардани шароитҳои беҳтари корӣ, давоми як соли охир ҳуҷраҳои кории табибони гӯшу гулу ва бинӣ, ҳуҷраи модару кӯдак, тибби оилавӣ ва роҳравҳои асосиву дохили бинои Маркази саломатии ноҳия аз таъмири ҷорӣ бароварда шуд. Дар доираи ташаббусҳои созандагӣ ҳуҷраи асабшиносии Маркази саломатӣ ба маблағи 37 ҳазор сомонӣ бо таҷҳизоти замонавии ташхисии бемориҳои асаб муҷаҳҳаз гардонида шуда, ҳуҷраи гӯшу гулу ва бинӣ бо таҷҳизоти муосири эндоскопии ин навъ бемориҳо таъмин гардид, ки арзиши он 70 ҳазор сомониро ташкил медиҳад. Ин иқдомҳо имкон фароҳам овард, ки аз ин ба баъд бемориҳои асаб ва гӯшу гулу ва бинӣ дар сатҳи ноҳия ба муолиҷа фаро гирифта шаванд. Ҳамчунин, бо мақсади иҷрои банди 22 қарори мушовараи Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Маркази саломатии ноҳия бунёди ду ҳуҷра барои тавонбахшии маъюбон идома дорад.

- Кормандони Шабакаи муассисаҳои Кумаки аввалияи тиббию санитарии ноҳияи Ҷайҳун, ки аксариятро аъзои ҲХДТ ташкил медиҳанд, дар доираи ташаббусҳои ҳизбӣ ба истиқболи ҷашни бузурги 35-солагии Истиқлоли давлатӣ корҳои ободониро дар тамоми муассисаҳои соҳавӣ идома дода, аз ҷумла, ба таъмиру тармими марказу бунгоҳҳои саломатӣ камари ҳиммат бастаанд, - иброз дошт раиси ташкилоти ибтидоии ҳизбии “КАТС”-и ноҳияи Ҷайҳун Додарҷони Касирзод.

- То имрӯз бунгоҳҳои саломатии деҳоти “Наврӯз” ва “Истиқлол” пурра ба анҷом расида, дар деҳаи Суғдиёни Ҷамоати деҳоти Қумсангир бошад, бо дастгирии шахсони саховатманд ва аҳолӣ, ки аъзо ва ҷонибдорони ҳизби пешбарандаи ҷомеа мебошанд, бунёди як бунгоҳи саломатӣ муҷаҳҳаз бо таҷҳизоти муосири тиббӣ пешбинӣ гардидааст, ки маблағи лоиҳавии он 200 ҳазор сомониро ташкил медиҳад. Ҳамчунин, дар доираи татбиқи “Барномаи давлатии рушди соҳаҳои иҷтимоӣ-иқтисодии ноҳияи Ҷайҳун барои солҳои 2021-2025” дар ноҳия Маркази ёрии таъҷилии тиббӣ иборат аз 7 ҳуҷра, фароҳам бо ҳама имкониятҳои мавҷуда сохта шуда, дар рӯзҳои наздик ба истифода дода мешавад. Маблағи умумии лоиҳаи мазкур 872 ҳазор сомониро ташкил дода, бо дастгирии Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Ҷайҳун амалӣ гардида истодааст.

Дар баробари фаъолони ташкилоти ибтидоии ҳизбии “КАТС”-и ноҳия ҳамчунин, бо ташаббуси аъзо ва ҷонибдорони ҲХДТ дар ҳама шаҳраку деҳоти ноҳияи Ҷайҳун иқдомҳои ободонӣ бомаром идома дошта, итминон меравад, ки то ҷашни 35-солагии Истиқлоли давлатӣ нақша-чорабиниҳои дар самти корҳои ободониву созандагӣ барзиёд иҷро хоҳанд гардид, - мегӯяд Маҳмадраҷабзода Маҳмадшариф, раиси Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар ноҳияи Ҷайҳун.

Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар ноҳияи Ҷайҳун дар ҳошияи ташаббуси навбатии Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар вилояти Хатлон “365 рӯзи ободонӣ, созандагӣ ва бунёдкорӣ”, ки ба иҷрои дастуру супоришҳои Раиси муаззами Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон нигаронида шудааст, ҳамкориҳои созандагиро бо тамоми қишрҳои ҷомеа равнақ бахшида истодааст. Дар радифи иқдомҳои созандагӣ, ҳамчунин бо ҷидду ҷаҳди соҳибкорон, аъзо ва ҷонибдорони ҳизби пешбаранда дар соли сипаригардида бунёди бинои Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар ноҳияи Ҷайҳун ба анҷом расонида шуда, санаи 25-уми декабри соли 2025 бо иштироки Раиси муаззами Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон, Президенти маҳбуби кишварамон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ифтитоҳ гардид. Бино иборат аз ду ошёна, 6 ҳуҷраи корӣ, 1 китобхона, ҳуҷраи волонтёрон ва толори маҷлисгоҳ барои 60 нафар бо тамоми асбобу таҷҳизоти замонавӣ муҷаҳҳаз гардонида шудааст, ки маблағи умумии он 1,3 миллион сомониро ташкил медиҳад.

Бинобар иттилои Маҳмадраҷабзода Маҳмадшариф давоми соли 2025 бо мақсади иҷрои дастуру супоришҳои роҳбарияти олии ҳизб дар ҷамоатҳои шаҳраку деҳоти ноҳия ҷиҳати сангфарш ва мумфарш кардани роҳҳои байни маҳаллаҳо тадбирҳои судманд андешида шудаанд. Бо ташаббуси аъзои фаъоли Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон, соҳибкорону саховатмандони ноҳия 19,1 км сангфаршкунӣ ва ҳудуди 14 км роҳҳо мумфарш гардид. Дар умум, бо ҳидоятҳои хирадмандонаи Пешвои муаззами миллат ташаббусҳои ободонӣ дар ноҳияи Ҷайҳун рӯз аз рӯз вусъати тоза пайдо карда истодааст. Сокинони ватандӯсти ноҳия аз ин ҳама боварию эътимоди Сарвари давлат, ки дар Паём изҳор гардид, неруи тоза гирифта, баҳри расидан ба ҳадафҳои бузурги созандагӣ саъю талош хоҳанд намуд: “Ҳар як фарди ҷомеа бояд ба ифтихори ин ҷашни муқаддас барои пешрафти давлати худ ва ободии Ватани азизи хеш кори некеро анҷом дода, созандаву бунёдкор ва соҳиби фарҳангу тамаддуни бостонӣ будани миллати тоҷикро нишон диҳад”.

**Ҷамолиддин УСМОНИЁН,**
**ноҳияи Ҷайҳун**



# ПУШИНГ – НАМУНАИ ОБОДКОРИЮ СОЗАНДАГИҲО

**Имрӯзҳо дар саросари мамлакат, бахусус дар деҳоту ҷамоатҳои дурдаст, корҳои ободонию созандагӣ бомаром идома дошта, ҳар як гӯшаи Тоҷикистони азиз тадриҷан симои нав касб менамояд.**

Дар ин раванд саҳми сокинон, соҳибкорон ва фаъолони ҷомеа назаррас буда, онҳо бо ҳисси баланди ватандӯстӣ ва масъулиятшиносӣ дар ободии маҳалли зисти худ фаъолона саҳм мегузоранд. Яке аз чунин ҷамоатҳои намунавӣ - Ҷамоати деҳоти Пушинги ноҳияи Данғара мебошад, ки тайи солҳои охир ба як макони созандагӣ табдил ёфтааст.

Бо ташаббус ва дастгирии сокинон, фаъолони Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон, соҳибкорони маҳаллӣ ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳия дар Ҷамоати деҳоти Пушинг як қатор корҳои назарраси ободонию бунёдкорӣ ба анҷом расонида шуданд. Ин иқдомҳо пеш аз ҳама ба беҳтар гардидани сатҳу сифати зиндагии аҳолӣ, рушди инфрасохтор, фароҳам овардани шароити мусоиди таҳсилу тарбия ва таъмини амнияти ҳаракати роҳ нигаронида шудаанд.

Раиси Ҷамоати деҳоти Пушинг Суфизода Тоҳир зимни суҳбат иброз дошт, ки сокинон ва соҳибкорони Ҷамоати деҳоти Пушинг дастуру супоришҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Раиси муаззами Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро сармашқи кори худ қарор дода, барои татбиқи сиёсати созандаву бунёдкоронаи Роҳбари давлат саъю талош менамоянд. Ба таъкиди ӯ, маҳз сиёсати хирадмандона ва дурбинонаи Пешвои миллат заминаи устувор фароҳам овард, то имрӯз мардуми кишвар бо итминони комил ба оянда қадам гузоранд ва дар рушди маҳалҳои худ саҳмгузор бошанд.

Дар доираи иҷрои ин ҳадафҳо, давоми соли гузашта дар ҳудуди Ҷамоати деҳоти мазкур як қатор иншооти дорои аҳамияти иҷтимоӣ мавриди баҳрабардорӣ қарор дода шуданд. Аз ҷумла, бо саҳми соҳибкорон ва дастгирии мақомоти маҳаллӣ сохтмон ва таъмири роҳҳои маҳаллӣ ба роҳ монда шуда, ҳаракати нақлиёт ва робитаи деҳаҳо ба таври назаррас беҳтар гардид.

Суфизода Тоҳир ҳамчунин зикр намуд, ки дар доираи таҷлили бошукӯҳи 35-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон давоми соли 2025 дар Ҷамоати деҳоти Пушинг корҳои бузурги сохтмонӣ анҷом дода шуданд. Дар ин муддат 2 ҳазору 800 километр роҳ, 4 адад пул, 3 адад боғчаи кӯдакона ва 3 адад муассисаи таълимӣ сохта ба истифода дода шуданд. Иншоотҳои мазкур бо назардошти талаботи муосир бунёд гардида, барои садҳо нафар сокинон шароити мусоиди таҳсилу тарбия ва зиндагии шоиста фароҳам оварданд.

Сохтмони муассисаҳои таълимӣ ва боғчаҳои кӯдакона аз муҳимтарин самтҳои сиёсати иҷтимоии давлат ба шумор рафта, дар тарбияи насли наврас ва таъмини рушди устувори ҷомеа нақши калидӣ мебозад. Бо ба истифода додани ин иншоот шумораи зиёди кӯдакон ба таҳсил фаро гирифта шуда, падару модарон низ имкони бештари фаъолият дар соҳаҳои гуногунро пайдо намуданд. Ҳамзамон, таъмиру бунёди роҳҳо ва пулҳо на танҳо ба беҳтар шудани шароити зист, балки ба рушди иқтисодии ҷамоат мусоидат намуд. Роҳҳо мумфарш карда шуда, иртиботи деҳаҳо бо маркази ноҳия ва дигар минтақаҳо осон гардид, ки ин омил барои густариши фаъолияти соҳибкорӣ ва рушди савдо аҳамияти калон дорад.

Раиси Ҷамоати деҳоти Пушинг бо қаноатмандӣ изҳор дошт, ки ҳамаи ин дастовардҳо дар фазои сулҳу суботи комил ва оромии кишвар амалӣ гардидаанд. Ӯ таъкид намуд, ки маҳз сиёсати сулҳпарварона ва ваҳдатофари Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон имкон фароҳам овард, то имрӯз мардуми Тоҷикистон дар муҳити орому осоишта кору зиндагӣ намоянд ва барои фардои дурахшони Ватан меҳнат намоянд.



Сокинони Ҷамоати деҳоти Пушинг низ аз ин пешравиҳо изҳори хушнудӣ намуда, қайд намуданд, ки ободии деҳа ва рушди маҳал натиҷаи ҳамдигарфаҳмӣ, ваҳдат ва ҳамкории зичи мардум бо мақомоти маҳаллӣ мебошад. Онҳо иброз медоранд, ки минбаъд низ барои саҳмгузорӣ дар корҳои ободонию созандагӣ омодаанд ва сиёсати пешгирифтаи давлату Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистонро ҳамаҷониба дастгирӣ намоянд.

Имрӯз Ҷамоати деҳоти Пушинги ноҳияи Данғара ба як макони намунавии бунёдкорӣ табдил ёфта, таҷрибаи он метавонад барои дигар ҷамоатҳои шаҳраку деҳоти кишвар ибратбахш бошад. Бидуни шак, чунин иқдомҳои созанда дар таҳкими пояҳои давлатдорӣ, боло бурдани сатҳи некуаҳволии мардум ва таҳкими худшиносиву ифтихори миллӣ саҳми арзанда мегузоранд. Иқдомҳои созанда дар Ҷамоати деҳоти Пушинг бозгӯи онанд, ки сиёсати давлату Ҳукумати мамлакат дар маҳалҳо самаранок татбиқ гардида истодааст.

Ҳар як иншооти бунёдшуда далели равшани ҳамбастагии давлат, ҷомеа ва соҳибкорон мебошад. Дар чунин шароит ҳисси ватандӯстӣ ва масъулиятшиносии сокинон боз ҳам таҳким меёбад. Ҷавонон бо дидани ин пешравиҳо ба ояндаи худ бо боварӣ менигаранд ва дар корҳои ҷамъиятӣ фаъолона иштирок менамоянд. Рушди инфрасохтор заминаи устувор барои пешрафти иқтисодию иҷтимоии ҷамоат фароҳам овард. Бидуни шак, чунин дастовардҳо минбаъд низ бо дастгирии Пешвои миллат ва саъю кӯшиши мардум идома хоҳанд ёфт. Ҳамаи корҳои анҷомёфта дар Ҷамоати деҳот бо дарназардошти ниёзҳои воқеии сокинон ва дурнамои рушди маҳал роҳандозӣ гардиданд. Дар раванди сохтмон ба сифати корҳои иҷрошуда ва мутобиқати онҳо ба меъёрҳои муосир диққати ҷиддӣ дода шуд.

Ҳамчунин Суфизода Тоҳир таъкид намуд, ки саҳми соҳибкорони ватандӯст дар ин раванд назаррас буда, онҳо бо ҳисси баланди ватандӯстӣ ташаббус нишон доданд. Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳия низ фаъолияти худро дар ҳамкорӣ бо аҳолӣ ба роҳ монда, шаффофият ва масъулиятро таъмин намуданд.

Бо фароҳам омадани шароити мусоид сатҳи хизматрасонии иҷтимоӣ тадриҷан беҳтар мегардад. Ҳамаи ин тадбирҳо ба болоравии сатҳи зиндагии аҳолӣ ва таҳкими суботи иҷтимоӣ замина гузоштанд. Сокинони ҷамоат изҳори умед мекунанд, ки марҳилаҳои минбаъдаи ободонӣ бо ҳамин руҳияи созанда идома меёбанд.

**Аҳлиддини МУБОРАКШОҲ,**
**"Ҳамрози халқ"**

АЗ НИШАСТҲОИ МАТБУОТӢ

# ОШКОРИ 537 ҲОЛАТИ ХУДСАРОНА ИШҒОЛ ШУДАНИ ЗАМИНҲО



Сафармаҳмад Раҳимзода, раиси Кумитаи идораи замини вилояти Хатлон дар нишасти хабарӣ иттилоъ дод, ки дар соли 2025 дар майдони 65,52 гектар замин 537 ҳолати худсарона ишғол намудани қитъаҳои замин ошкор гардидааст, ки аз онҳо 33,73 гектар заминҳои кишоварзӣ ва 31,79 гектар заминҳои ғайрикишоварзӣ мебошанд. Оид ба ин масъала чораандешӣ карда шуда, дар натиҷаи он 35,18 гектар замин ба ҳолати аввала баргардонида шудааст, ки 68,9 фоизи ҳолатҳои худсарона ишғолшударо дарбар мегирад.

Инчунин, ӯ илова кард, ки ҷиҳати пешгирии қонуншиканиҳо вобаста ба замин аз тарафи кумитаҳои идораи замини шаҳру ноҳияҳои вилоят дар маҳал 867 ҳолати вайронкунии қонуншиканиҳо пешгирӣ карда шудааст.

# ХАТЛОН. 25759 НАФАР БО ҶОЙИ КОР ТАЪМИН ГАРДИД



Соли 2025 ба раёсат, шуъба ва бахшҳои Агентии меҳнат ва шуғли аҳолӣ дар шаҳру ноҳияҳои вилояти Хатлон 44 ҳазору 925 нафар шахсони бекор муроҷиат намуданд, ки 41 ҳазору 804 нафари онҳо ба қайд гирифта шудааст. Дар ҳамин ҳол 25 ҳазору 759 нафар бекорон бо ҷойи кори доимӣ, мавсимӣ ва муваққатӣ таъмин гардиданд, ки ба 100,8 фоизи нақшаи солонаи барнома баробар аст, ин нуктаро Қурбоналӣ Қурбонзода, сардори Раёсати Агентии меҳнат ва шуғли аҳолӣ дар вилояти Хатлон дар нишасти матбуотӣ зикр кард.

Ҳамчунин, Қурбоналӣ Қурбонзода илова кард, ки дар доираи Барномаи давлатии мусоидат ба шуғли аҳолӣ 6660 нафар ба таври ройгон барои гирифтани ихтисосҳои гуногун ба курсҳои махсуси кӯтоҳмуддат ҷалб гардида, 5 ҳазору 381 нафарашонро занон ташкил медиҳанд.

# ҚАРЗҲОИ БОНКӢ ВА РУШДИ СОҲАҲО ДАР МИНТАҚАИ БОХТАР



Зимни нишасти матбуотӣ Самадзода Фирдавс, мудири шуъбаи минтақавии Бонки миллии Тоҷикистон дар шаҳри Бохтар иттилоъ дод, ки аз ҷониби ташкилотҳои қарзии молиявии минтақа давоми соли 2025 ба иқтисодиёт тақрибан 4,2 миллиард сомонӣ қарз равона гардидааст. Ба гуфтаи ӯ, ҳаҷми қарзҳои пешниҳодшуда нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 820,8 миллион сомонӣ зиёд мебошад, ки аз афзоиши фаъолнокии бозори қарзӣ дарак медиҳад.

Ҳамзамон зикр гардид, ки таҳлили тақсимоти соҳавии қарзҳо нишон медиҳад, ҳиссаи бештари маблағҳо ба соҳаи кишоварзӣ рост омада, он 22,1 фоизро ташкил медиҳад. Қарзҳо барои рушди саноат 4,1 фоиз, сохтмон 2,5 фоиз, нақлиёт 0,3 фоиз ва савдо ва хӯроки ҷамъиятӣ 8,0 фоиз ҷудо гардидаанд. Инчунин, ба соҳаи хизматрасонӣ 8,6 фоиз, ипотека 6,7 фоиз, автоқарз 1,7 фоиз ва қарзҳои истеъмолӣ 44,9 фоиз рост омада, ҳиссаи дигар соҳаҳо дар маҷмӯъ 1,0 фоизро ташкил додааст.

# ПАЁМ-РОҲНАМОИ РУШДИ УСТУВОРИ КИШВАР



**Паёми навбатии Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки 16 декабри соли 2025 ироа гардид, ҳамчун ҳуҷҷати сарнавиштсоз ва сарчашмаи муҳими роҳнамоии давлатсозӣ барои мардуми кишвар аҳамияти хосса дорад.**

Ин Паём барои ҳар як фарди ватандӯсту худшинос роҳнамои роҳи дурахшон ба сӯи ояндаи ободу пурфайзи Тоҷикистон маҳсуб меёбад.

Дар Паёмашон Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъкид намуданд, ки: “Худшиносӣ ва ҳисси баланди ватандорӣ омили асосӣ ва рукни бунёдии таҳкими сулҳу субот, ваҳдати миллӣ ва рушди устувори кишвар ба ҳисоб мераванд. Ин арзишҳои муқаддас бояд дар қалбу шуури ҳар як шаҳрванди Тоҷикистон, бахусус дар зеҳни насли ҷавон чун пояи устувори зиндагӣ реша давонанд”.

Эълон гардидани соли 2026 ҳамчун «Соли вусъат додани корҳои ободониву созандагӣ ва тақвияту таҳкими худшиносиву худогоҳии миллӣ» далели равшани таваҷҷуҳи пайвастаи Роҳбари давлат ба масъалаҳои муҳимми ҷомеа мебошад. Ин иқдом на танҳо масъулияти шаҳрвандонро дар роҳи ободии Ватан боло мебардорад, балки барои ноил гардидан ба дастовардҳои нав заминаи мусоид фароҳам оварад. Дар ин замина, ҳар як сокини кишвар, аз ҷумла фаъолон ва аъзои Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон вазифадоранд дар тарғибу ташвиқи ҳадафҳои созандаи ҳизби пешбарандаи ҷомеа, тарбияи дурусти насли наврас дар руҳияи ватандӯстӣ ва худшиносӣ саҳми арзандаи худро гузоранд.

Паёми Пешвои миллат ҳамчунин мо, фаъолон, аъзо ва ҷонибдорони Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистонро ба фаъолияти боз ҳам пурсамар ва якдилона барои рушду пешрафти кишвар ва баланд бардоштани сатҳи зиндагии мардум ҳидоят менамояд. Дар ин замина ба рушди соҳаҳои иқтисодиву иҷтимоӣ, тандурустӣ, маориф, фарҳанг, саноат ва кишоварзӣ таваҷҷуҳи махсус зоҳир гардид.

Воқеан, рушду ободии ҳар гӯшаи Тоҷикистон ва таҳкими ҳисси худшиносиву худогоҳии миллӣ дар ҷомеа натиҷаи роҳнамоӣ ва сиёсати хирадмандонаи Пешвои миллат, Раиси муаззами Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мебошад. Мо, шаҳрвандони ин Ватани маҳбуб, бояд бо ҳамдилӣ ва ватандӯстӣ барои пешрафти кишвар қадамҳои устувор гузорем, то Тоҷикистони азизи мо ҳамеша ободу зебо ва орому осуда бошад.

Паём барои ҳар як фарди худогоҳу ватандӯст вазифа мегузорад, ки дар партави ҳидоятҳои Президенти кишвар ва ҳадафҳои стратегии давлат дар рушди иқтисодиёт, саноатикунонӣ, илм ва фарҳанг саҳми арзанда гузошта, барои татбиқи ормонҳои миллӣ ва таъмини суботу осоиштагии ҷомеа саъй намояд.

Бо итминон метавон гуфт, ки тахти сиёсати хирадмандонаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон заминаҳои мустаҳками истиқлоли воқеии давлатро фароҳам оварда, мавқеи Тоҷикистони соҳибистиқлолро дар арсаи байналмилалӣ пайваста таҳким мебахшад. Танҳо бо заҳмати якҷоя, ваҳдат ва меҳнати созанда метавонем сарзамини азизамонро ба кишвари ободу зебо табдил дода, фарзандонамонро дар Ватани ободу зебо боэътимод ба ояндаи дурахшон тарбия намоем.

**Ваҳобиддин АБДУЛЛОЗОДА, раиси КИ ҲХДТ дар ноҳияи Қубодиён**

# ТАҚВИЯТИ ФАЪОЛИЯТИ ДОХИЛИҲИЗБӢ ДАР БОХТАР



**БОХТАР**

Дар асоси нақшаи чорабиниҳои Кумитаи иҷроияи Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон дар шаҳри Бохтар Қурбонализода Манучеҳр, мудири шуъбаи таблиғот ва иттилооти Кумитаи иҷроияи шаҳрии ҳизб, аз фаъолияти ташкилоти ибтидоии ҳизбии «Чароғонкунӣ» боздид намуд.

Зимни боздид масъалаҳои амалӣ гардидани қарорҳои Анҷумани ҲХДТ, риояи талаботи Оинномаи ҳизб, ҳуҷҷатнигорӣ, баргузории соатҳои сиёсӣ ва маҷлисҳои ҳизбӣ, рафти иҷрои нақшаи чорабиниҳо ва саҳми ташкилоти ибтидоӣ дар татбиқи ҳадафҳои барномавии ҳизб мавриди баррасӣ қарор гирифтанд.

Ҳамзамон, ҷиҳати тақвияти фаъолияти дохилиҳизбӣ ва омодагии сазовор ба таҷлили 35-солагии Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шахсони масъул оид ба бартараф намудани камбудиҳо маслиҳату тавсияҳои судманд дода шуданд.

# ВОХӮРИИ СОЗАНДА БО АҲОЛИИ ЧАШМАСОРОН

**МУЪМИНОБОД**



Вохӯрии гурӯҳи корӣ бо усули «Мактаб ба мактаб» ва «Деҳа ба деҳа» бо сокинони деҳаи Чашмасорони Ҷамоати деҳоти Тутиёни ноҳияи Муъминобод баргузор гардид.

Дар вохӯрии гурӯҳи корӣ Ҷалилзода Сайрамбону, раиси Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар ноҳия, Мирзошарифзода Сабоҳат, мудири бахши кор бо занон ва оилаи мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳия, Раҳимов Фурқат, мудири бахши кор бо ҷавонон ва варзиш ва Табаров Раҷабалӣ, собиқадори меҳнат иштирок намуданд.

Зимни вохӯрӣ моҳият ва татбиқи дастуру супоришҳои Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии мамлакат шарҳ дода шуд.

Сокинон бо изҳори қаноатмандӣ аз фазои сулҳу субот ва ваҳдати миллӣ изҳор доштанд, ки дастуру супоришҳои Пешвои миллатро дар зиндагии рӯзмарра амалӣ намуда, фарзандонро дар руҳияи ватандӯстӣ, худшиносии миллӣ ва ифтихор аз давлатдории миллӣ тарбия хоҳанд кард.

# КИТОБ-ДӮСТИ БЕҲТАРИНИ ИНСОН АСТ!



**ВОСЕЪ**

Дар асоси нақша-чорабиниҳои Кумитаи иҷроияи Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон дар ноҳияи Восеъ дар доираи эълон гардидани солҳои 2026-2030 ҳамчун "Солҳои фарҳанги китобхонӣ" бо ташаббуси узви Раёсати Кумитаи Иҷроияи Марказӣ ва вилоятии Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон, раиси вилояти Хатлон Давлаталӣ Саид дар Литсейи касбии техникии ноҳияи Восеъ аксияи ҳизбӣ таҳти унвони "Китоб-дӯсти беҳтарини инсон аст!" баргузор гардид.

Дар чорабинӣ касбомӯзони Литсейи касбии техникии ноҳия фаъолона иштирок намуданд. Зимни суҳбат бо касбомӯзон Озодамоҳ Абдуғаффорова, мудири шуъбаи кор бо занон ва ҷавонони Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар ноҳияи Восеъ оид ба аҳамият ва манфиати китобу китобхонӣ, ташаббусҳои созандаи Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва дар вилояти Хатлон эълон гардидани солҳои 2026-2030 ҳамчун "Солҳои фарҳанги китобхонӣ" ибрози андеша намуд.

Ҳамзамон, ҷавонон ба мутолиаи пайвастаи китобҳои гуногунмазмун ва ғанӣ гардонидани ҷаҳонбинии худ тавассути китоб даъват карда шуданд.

# САҲМИ ҶОМЕА ДАР БЕҲБУДИ ШАРОИТИ ТАЪЛИМ

**ШАҲРИТУС**



Дар доираи амалиёти муштараки ҳизбӣ таҳти унвони «Мактаби ман!» ва "365 рӯзи ободонӣ, созандагӣ ва бунёдкорӣ" бахшида ба истиқболи сазовор аз ҷашни бузурги миллӣ-35-солагии Истиқлоли давлатӣ бо мақсади таъмир, сохтмон ва таҷҳизонидани мактабу боғчаҳо бо ҷалби хатмкардагон ва дигар фаъолон, дар ҳамкорӣ бо кумитаҳои маҳаллаву деҳот ва Ассотсиатсияи падару модарон бо ташаббуси ташкилоти ибтидоии «Маорифчиён» дар Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №27-и Ҷамоати деҳоти Тоҷдорони ноҳияи Шаҳритус бинои нави синфхонаи иловагӣ сохта мешавад.

Бинои мазкур якошёна буда, аз 8 синфхона иборат мебошад ва тибқи нақша то охири моҳи феврали соли 2026 ба истифода дода мешавад. Қайд кардан ба маврид аст, ки ин иқдом бо мақсади беҳтар намудани шароити таълим, фароҳам овардани муҳити мусоиди таҳсил ва коҳиш додани зичии хонандагон дар синфхонаҳо амалӣ гардидааст.

Сокинони маҳаллӣ ва шахсони саховатманд, аъзои фаъоли ҳизб дар таъмини маводи сохтмонӣ ва анҷоми корҳои сохтмонӣ саҳми арзанда гузошта, бори дигар собит намуданд, ки рушди маориф масъулияти ҳар як фарди бедордил ва ватандӯст мебошад. Ҳамчунин, бо дастгирии сарвари муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №27 ва Кумитаи падару модарон азнавсозии иншооти гигиенӣ бо усули дренажӣ ба нақша гирифта шудааст.

# ОМОДАГӢ БА 35-СОЛАГИИ ИСТИҚЛОЛИЯТ



**ВАХШ**

Дар ноҳияи Вахш дар доираи эълон гардидани соли 2026 ҳамчун «Соли вусъат додани корҳои ободониву созандагӣ ва тақвияту таҳкими худшиносиву худогоҳии миллӣ» ва ташаббуси ҳизбии «365 рӯзи ободонӣ, созандагӣ ва бунёдкорӣ» корҳои ободониву созандагӣ бомаром идома доранд.

Аъзои фаъоли Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон бо ҳисси баланди масъулият дар татбиқи ин ташаббус саҳмгузор буда, дар корҳои ободонӣ, аз ҷумла сангфаршкунии роҳҳои маҳаллаву деҳаҳо иштироки фаъолона доранд.

Дар арафаи таҷлили 35-солагии Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкилотҳои ибтидоии ҳизбӣ дар ноҳия корҳои созандагиро боз ҳам вусъат бахшида, ҳамарӯза ҷиҳати фароҳам овардани шароити мусоиди зиндагӣ ва ободу зебо гардонидани маҳалҳо талош менамоянд.

# ВУСЪАТИ КОРҲОИ ОБОДОНӢ

**ЁВОН**



Дар доираи татбиқи сиёсати созандаю ободкоронаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва эълон гардидани соли 2026 ҳамчун «Соли вусъат додани корҳои ободониву созандагӣ ва тақвияту таҳкими худшиносиву худогоҳии миллӣ» дар ташкилоти ибтидоии ҳизбии «Чашмасор»-и Ҷамоати деҳоти ба номи Ҳасан Ҳусейни ноҳияи Ёвон корҳои созандагию бунёдкорӣ вусъат ёфтаанд.

Бо мақсади ободу зебо гардонидани ин мавзеъ дар ин иқдоми нек роҳбарият ва кормандони Ҷамоати деҳоти ба номи Ҳасан Ҳусейн, сокинони ободкору меҳнатдӯст, аъзо ва ҷонибдорони Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон, инчунин соҳибкорони хайрхоҳ фаъолона иштирок намуда, барои бунёди бунгоҳи тиббӣ саҳми арзандаи худро мегузоранд. Ин тадбир ба беҳтар гардидани сатҳи хизматрасонии тиббӣ ва фароҳам овардани дастрасии сокинон ба кумаки аввалияи тиббӣ мусоидат менамояд.

Зимни корҳои созандагӣ, ҳамзамон, дар ҳудуди Ҷамоати деҳоти ба номи Ҳасан Ҳусейн сохтмони даромадгоҳ, истгоҳ, сангфаршу мумфаршкунии роҳҳо ва дигар тадбирҳои ободонӣ амалӣ гардида истодаанд. Қобили зикр аст, ки ин ташаббус дар доираи корҳои ободонию созандагӣ амалӣ шуда, барои боз ҳам ободу зебо гардидани симои Ҷамоати деҳоти мазкур мусоидат менамояд.

# БА ТАВАҶҶУҲИ АҲЛИ ҚАЛАМ ВА НАМОЯНДАГОНИ ВАО:

**Дар асоси барқияи Кумитаи Иҷроияи Марказии Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон тахти № 35 аз 10 июни соли 2025 бахшида ба ҷашни 35-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар вилояти Хатлон Озмуни ҷумҳуриявии адабиву фарҳангӣ тахти унвони "Роғун-нурбахши роҳи фардои Ватан"-ро эълон менамояд.**

Озмуни мазкур бо мақсади иҷрои дастуру супоришҳо ва амалӣ намудани ташаббусҳои созандаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар раванди бунёди иншооти бузурги аср- НБО-и "Роғун" ташкил ёфтааст.

Озмун ба хотири таълифи асарҳои мондагор дар васфи НБО-и "Роғун", инъикоси воқеии талоши миллати тоҷик барои расидан ба истиқлолияти энергетикӣ ва зиндагии шоиста, ҳавасмандгардонии шоирон, нависандагон, таърихнигорону рӯзноманигорон, рассомон, блогерон, баланд бардоштани ҳисси ватандӯстию ифтихори миллӣ, ҷалби аҳолии кишвар ба ташаббускорӣ ва созандагию ободонӣ роҳандозӣ гардидааст.

Озмуни ҷумҳуриявии адабию фарҳангӣ тахти унвони "Роғун-нурбахши роҳи фардои Ватан" аз рӯйи 8 номинатсия баргузор мегардад:

-назми бадеӣ;

-насри бадеӣ;

-асарҳои публитистӣ;

-санъати аксбардорӣ (ҳаҷми на кам аз А3);

-санъати тасвирӣ;

-суруду оҳанг;

-филмҳои ҳуҷҷатӣ ва мустанад;

-видеороликҳои телевизионӣ.

Асарҳои эҷодшуда бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ қабул карда мешаванд.

Кумитаи тадорукоти Озмуни ҷумҳуриявии адабию фарҳангӣ тахти унвони "Роғун-нурбахши роҳи фардои Ватан" дар назди Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар вилояти Хатлон дар ҳайати 5 нафар таъсис ёфтааст. Ҳамчунин, довталабони иштирок дар озмуни мазкур метавонанд маводҳои худро ба сохторҳои ҳизбии маҳали зисти худ пешниҳод намоянд.

Дар озмун шоирон, нависандагон, рӯзноманигорон, рассомон, оҳангсозон, овозхонҳо ва ҳамчунин, блогерҳои синну сола-шон аз 18-сола боло метавонанд, иштирок намоянд.

Озмун аз моҳи майи соли 2025 то моҳи июли соли 2026 идома ёфта, асарҳои эҷодшуда барои иштирок дар озмун тариқи шабакаҳои телевизионӣ, сомонаҳои расмӣ, шабакаҳои иҷтимоӣ ва ВАО-и ҳизбӣ нашр мегардад.

Матлабҳо барои озмун то 1 августи соли 2026 қабул гардида, маросими ҷамъбасти он дар арафаи таҷлили ҷашни 35-солагии Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор мегардад.

Хоҳишмандон метавонанд то муҳлати муқарраргардида асару матлабҳои хешро ба Кумитаи иҷроияи вилоятии ҳизб ва шаҳру ноҳияҳо пешниҳод намоянд.

Талаботи озмун арзиши асарҳо ва видеонаворҳо аз рӯйи меъёрҳои зерин баҳо дода мешаванд:

-ҳунари баланди эҷодӣ;

-мазмун ва шакли мутобиқ ба талаботи жанр;

-кушодани моҳияти сиёсӣ, иҷтимоӣ ва башардӯстии сохтмони НБО-и "Роғун";

-инъикоси воқеии талоши миллати тоҷик барои расидан ба зиндагии шоиста, пешрафт ва саодат;

-тасвири заҳматҳо ва саҳми Пешвои миллат ва ҳайати коргарони НБО-и "Роғун" дар раванди бунёди неругоҳ;

-мавқеи сохтмони мазкур дар таҳаввули ҷаҳонбинӣ ва худшиносии миллати тоҷик.

Беҳтарин матлабҳои ба Озмун пешниҳодгардида дар шумораҳои нашрияи ҳизбии "Ҳамрози халқ", сомона ва саҳифаи фейсбукии КИ ҲХДТ дар вилояти Хатлон нашр карда мешаванд.

Озмуни ҷумҳуриявии адабию фарҳангӣ тахти унвони "Роғун-нурбахши роҳи фардои Ватан" дар арафаи ҷашни 35-солагии Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷамъбаст гардида, ғолибон бо мукофотҳои молиявӣ ва тӯҳфаҳои хотиравӣ қадрдонӣ карда мешаванд.

**Суроғаи мо: шаҳри Бохтар, кӯчаи Айнӣ-47, бинои КИ ҲХДТ дар вилояти Хатлон, телефонҳо барои тамос; 8-32-22-2-12-12, 2-02-11. Почтаи электронӣ: viloyathkhdtkhatlon@mail.ru, info@hkhdtkhatlon.tj**

## АЗ ФАЪОЛИЯТИ ТАШКИЛОТҲОИ ИБТИДОӢ

# РОҲИ ДЕҲА НАВСОЗӢ МЕШАВАД

**ФАРХОР**



Бо ташаббуси Кумитаи иҷроияи Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон дар ноҳияи Фархор ва дастгирии раиси ташкилоти ибтидоии ҳизбии «Меҳровар» Назаров Саймумин дар доираи эълон гардидани соли 2026 -«Соли вусъат додани корҳои ободониву созандагӣ ва тақвияту таҳкими худшиносиву худогоҳии миллӣ» ва ташаббуси ҳизбии «365 рӯзи ободонӣ, созандагӣ ва бунёдкорӣ» корҳои ободонӣ бахшида ба 35-солагии Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон идома доранд.

Бо саҳмгузории аъзои ташкилоти ибтидоии "Меҳровар" корҳои омодагӣ ҷиҳати мумфарш намудани роҳи деҳа ба роҳ монда шуда, айни замон азнавсозии новаҳои бетонии шафати роҳ ҷараён дорад.

Сокинони деҳа бо ҳисси баланди масъулият дар корҳои ободониву созандагӣ фаъолона иштирок намуда, ҷиҳати зебо гардонидани маҳал ва фароҳам овардани шароити мусоиди зиндагӣ саҳм мегузоранд.

Таъкид гардид, ки чунин иқдомҳои ободонӣ бо ҷалби фаъолон, аъзо ва ҷонибдорони ҲХДТ дар ҳудуди ноҳияи Фархор пайваста идома ёфта, сокинони ноҳия ҷашни 35-солагии Истиқлоли давлатиро бо дастовардҳои шоиста истиқбол хоҳанд гирифт.

**Ҳамрози халқ**
Ҳафтаномаи сиёсӣ - иттилоотӣ

**Аз соли 2003 нашр мешавад. Моҳи январи соли 2024 тахти рақами №412/РЗ-97 дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифта шудааст.**

Муассис: **Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар вилояти Хатлон.**

Сармуҳаррир: **Зебо Икромзода**

Ҳайати мушовара: **Давлаталӣ Саид,** раиси вилояти Хатлон, **Абдулло Раҳмонзода**, муовини раиси вилояти Хатлон, **Саидзода Ҷамшед Ҳамро,** раиси КИ ҲХДТ дар вилояти Хатлон.

Ҳайати эҷодӣ: **Амонҷон Муҳиддинов, Ҷамолиддин Усмониён, Раҷабалӣ Худоёрзода, Аҳлиддини Муборакшоҳ, Адиба Нодирова** рӯзноманигор, **Меҳроб Салимбеков,** саҳифабанд.

Ба хотири чандандешӣ мақолаҳое низ чоп карда мешаванд, ки на ҳама вақт ҳайати эҷодии ҳафтанома ва КИ ҲХДТ дар вилояти Хатлон ба муҳтавои он мувофиқанд. Дастхат ва суратҳо ба муаллифон баргардонида намешаванд.. Матолиби ҳафтаномаро дар дигар васоити ахбори омма танҳо бо нишон додани манбаъ метавон истифода кард.

Нишонии мо: **шаҳри Бохтар, кӯчаи Айнӣ - 47, бинои Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар вилояти Хатлон, ошёнаи сеюм.**

Телефонҳои мо: **(8 3222) 2-12-12**

Сомонаи КИ ҲХДТ дар вилояти Хатлон: **viloyat@hhdtkhatlon.tj**

E-mail: **info@hhdtkhatlon.tj**



Ҳафтанома дар чопхонаи нашриёти «Мега-Принт» бо теъдоди **24030** нусха нашр шуд.